# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар мавзӯи “Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Дар ҷомеаи муосир нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаллу фасли дилхоҳ масъала бузург аст. Аз ин рӯ кишварҳои абарқудрат бахри расидан ба ҳадафҳои худ рӯ ба воситаҳои ахбори омма овардаанд. Имрӯз абарқудратҳо кӯшиш мекунанд то ба воситаи таблиғоти сартосарӣ аз тариқи воситаҳои ахбори омма ҳадафу мақасади худро дар кишварҳои нисбатан хурдтар амалӣ намоянд. Ҳамзамон дар шроити муосир ҷангҳои иттилоотӣ миёни кишварҳои бузург бо шиддат идома дошта, силоҳи асосӣ дар ин мубориҳаҳо маҳз ВАО ба ҳисоб меравад. Кишварҳои қудратхоҳ аз қувваи воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои кучак истифода меранд то дар ҷангҳои иттилоотӣ пирӯз шаванд. Аз ин рӯ, интихоби мавзӯи мазкур дар журналистикаи тоҷик мубрам ва нав аст.

Аз мундариҷаи фишурда бар меояд, ки рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Дар муқаддима аҳамияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш, навгонии илмии таҳқиқот, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, методҳои пажуҳиш ва хронологияи пажуҳиш оварда шудааст.

Боби якуми автореферат **«Омилҳои ба вуҷуд омадани нооромиҳо ва баррасии он дар матбуоти Миср»** номгузорӣ шуда, он аз ду фасл иборат аст. Фасли як «Заминаҳои оғози ҳодисаҳои соли 2011» ном дошта, дар он омилҳои ба вуҷуд омадани нооромиҳо аз нигоҳи васоити ахбор, то чӣ андоза воқеъбинона ва объективона инъикос шудани он дар саҳифаҳои матбуоти Ҷумҳурии Мисри Араб таҳқиқ шудааст. Дар ин фасл муҳаққиқ бо далелҳои мушаххас исбот намудааст, ки воситаҳои ахбори оммаи Миср, махсусан матбуот дар ин давра зери таъсири кишварҳои абарқудрат монда, дар мубориҳаҳои иттилоотӣ аз манофеи онҳо дастгирӣ мекард.

Дар фасли дуюм - «Матбуоти Ҷумҳурии Мисри Араб дар ҷангҳои иттилоотӣ» диссертант иштироки фаъолона намудани матбуотро дар ҷангҳои иттилоотӣ таҳлил намудааст. Ӯ собит сохтааст, ки кишварҳои абарқудрат

имрӯз дар баробари воситаи электронии ахбор дар муборизаҳои иттилоотӣ аз қувваи матбуот низ васеъ истифода мебаранд. Дар ин боб иштироки фаъолонаи рӯзномаҳои мисрӣ дар муборизаҳои иттилоотӣ баҳри дифоъ аз манфияти милии худ таҳлил шудааст.

Боби дуюми фишурдаро диссертант «**Инъикоси ҳаводиси Миср дар ВАО-и ҷаҳон**" унвон намудааст. Он аз ду фасл иборат буда, дар ин боб муҳаққиқ накши воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистонро дар фаврияти иттилоъ баррасӣ намудааст. Ҳамзамон дар фасли дуюми ин боб то чӣ андоза аз нооромиҳо иттилои воқеӣ ва сареъро пешниҳод намудани воситаи ахбори оммаи кишварҳои абарқудрат махсусан, Россияву Арико таҳқиқ шудааст. Муҳақиқ собит намудааст, ки воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои абарқудрат аз раванди рӯйдодҳои олам на ҳамеша иттилои дурусту воқеиро ба омма пешниҳод мекунанд.

Боби сеюми фишурда, ки "**Рангорангии жанрӣ дар инъикоси ҳаводиси солҳои 2011-2013-и Миср**" номгузорӣ шудааст, риоя гардидани чорчубаи жанрӣ, рангорангии жанрӣ дар инъикоси воқеоти сиёсӣ, фаъол гардидани қисме аз жанрҳои публитсистӣ ва аз миён рафтани қисми дигари жанрҳо дар замони ноороми мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар рафти пажуҳиши мавзӯъ муҳақиқ исбот намудааст, ки дар муборизаҳои иттилоотӣ рӯзноманигорон бештар аз жанрҳои ахборӣ, махсусан хабар, репортаж, мусоҳиба ва аз жанрҳои таҳлилӣ бештар аз мақола ва нигориш истифода мебаранд. Дар боби сеюми фишурда аслан маводи чор рӯзномаи мисрӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Хулосаҳои фишурда илман асоснок буда, маҳаки мундариҷаи рисоларо баён мекунанд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқи Исмоилова Фарзонаро метавон дастоварди хуб дар соҳаи журналистика номид. Ҳамчунин маводи диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсии журналистика, омӯзиши журналистикаи Миср ва машғулиятҳои амалии рӯзноманигорон истифода кард. Ҳамчунин нуктаҳои асосии онро метавон ҳангоми омӯзиши журналистикаи кишварҳои хориҷӣ, матбуот ва ҷангҳои иттилоотӣ, ҳамзамон барои омӯзиши назарявии матбуоти Ҷумҳурии Мисри Араб истифода кард. Маводи рисола инчунин барои минбаъд ба таври густурда анҷом додани хусусиятҳои мухталифи

назариявию амалӣ ва паҳлуҳои мухталифи жанриву мавзуии расонаҳои хориҷӣ замина фароҳам меорад.

Сарфи назар аз арзиши баланди илмиву амалӣ дар фишурда баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Чунончӣ:

1. Манбаҳои таҳқиқ нисбатан васеътар аст. Инҷо муҳаққиқ метавонист мавзӯи пажӯҳиширо дар доираи ду ё се рӯзнома таҳқиқ кунад;
2. Дар фишурда хулосаҳо дар охири бобҳо ва зербобҳо нисбатан камтар ба назар мерасанд;
3. Кисмати тоҷикии автореферат ба ислоҳи хатоҳои услубию граматикӣ эхтиёҷ дорад;
4. Дар фасли якуми боби дуюм маводи илмӣ камтар истифода шудааст.

**Хатоҳои зикршуда арзиши илмии диссертатсияро кам намекунад. Аз ин рӯ метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар мавзӯи “Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)” кори таҳқиқии анҷомёфта буда, диссертант барои дарёфти унвони номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.01.10 - журналистика сазовор аст.**

Соҳибова Барно Нозировна, номзади
илмҳои филологӣ Маълумот барои
иртибот: номзади илмхои филология
(ДКН №024609 от 19 марта 2016 г. №14)
Ҷойи кор: Муассисаи давлатии Телевизиони
"Ҷахоннамо"
Вазифа: Сармуҳаррири идораи таҳлилии
Муассисаи давлатии Телевизиони "Ҷахоннамо"

Соҳибова Б.Н.

Имзои Б. Соҳиборо тасдик, мекунам Мудири шуъбаи кадрҳои Муассисаи давлатии Телевизиони "Ҷаҳоннамо"

Нуралиев Р.

Нишонии ташкилот: шах,ри Душан кучаи Бехзод 7 А Тел.: (+992 37) 227- 67-03 (+992 937) 77-61-22 E- mail.barnobarno@mail.ru